# ФАРМОИШИ
## РАИСИ МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ «КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН»

аз «07» 07 соли 2026 № 236/бд ш. Душанбе

Дар бораи бозхонд намудани диссертатсияи
Холов Фазлиддин Абосович

Мутобиқи сархати ҳабдаҳуми банди 9 ва сархати чоруми банди 18 Низомномаи Муассисаи давлатии «Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 ноябри соли 2021, №270 ва банди 108 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидаанд, фармоиш медиҳам:

1. Диссертатсияи Холов Фазлиддин Абосович дар мавзуи «Таъсири қувваҳои гравитатсионӣ, тектоникӣ ва сейсмикӣ ба ҳолати шиддатнокӣ-деформатсионии васлшавии нақби ёрирасони САСТ-5-и НБО Роғун» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 2.1.8. Сохтмони гидротехникӣ бозхонд карда шавад.
2. Қарори шурои диссертатсионии 6D.KOA-059 назди Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон бекор карда шавад.
3. Ҳимояи такрории диссертатсияи Холов Ф.А. барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 2.1.8. Сохтмони гидротехникӣ мутобиқи талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба роҳ монда шавад.
4. Шуъбаи аттестатсионии илмҳои табиӣ-математикӣ ва техникӣ (Аҳлиддин Гулзода) дар мӯҳлати то 10 рӯз нусхаи фармоиши мазкурро ба муассисаи илмӣ дастрас ва дар сомонаи Комиссия ҷойгир намояд.
5. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини раиси Комиссия Мумин Шарифзода вогузор карда шавад.

Асос: аризаи довталаб Холов Ф.А. аз 07.07.2026 ва хулосаи шуъбаи аттестатсионии илмҳои табиӣ-математикӣ ва техникӣ

Раис Сайфиддин Давлатзода

КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
НУСХА БА АСЛАШ БАРОБАР АСТ